# Барномаи браузери интернетии «Рӯбоҳи ҷилодор» (Firefox)-ро бо забони тоҷикӣ биозмоед!

Submitted by Ҳайати тадорукот on 8 September, 2022 - 11:18
[1]

Муҳтарам дӯстдорон ва посдорони забони тоҷикӣ!
Ба маълумоти шумо мерасонем, ки дар нимсолаи дуюми соли 2022 баъзе барномаҳое, ки мо аз он ҳамарӯза истифода мебарем бо забони тоҷикӣ дастрас хоҳад шуд. Бавижа, бо

ташаббуси аъзои маҳфили «Посдорон ва дӯстдорони забон»-и Кумита браузери интернетии «Рӯбоҳи ҷилодор» (Firefox) ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда истодааст ва гунаи санҷишии барнома барои пешнамоиш ва истифодаи озмоишӣ дастрас аст. Гунаи санҷишии барномаи браузери «Рӯбоҳи ҷилодор» (Firefox)-ро бо номи «Шабонарӯз» (Nightly) боргирӣ намуда, дар компютер ё телефони мобилии худ озмоед.

**Пайвандҳои расмӣ барои боргирӣ кардани барнома:**

• http://archive.mozilla.org/pub/firefox/nightly/latest-mozilla-central-l10n/Firefox%20Installer.tg.exe [2] (**Windows**)

• http://archive.mozilla.org/pub/firefox/nightly/latest-mozilla-central-l10n/firefox-105.0a1.tg.linux-i686.tar.bz2 [3] (**Linux**)

• http://archive.mozilla.org/pub/firefox/nightly/latest-mozilla-central-l10n/firefox-105.0a1.tg.mac.pkg [4] (**Mac**)

Ё гунаи лозимиро барои низоми амалкунандаи худ аз сервери зерин интихоб намоед: http://archive.mozilla.org/pub/firefox/nightly/latest-mozilla-central-l10n/ [5]
Файли насбкунанда бояд васеъшавии «.tg.»-ро дар бар гирад.

**Диққат: браузери интернети «Шабонарӯз» (Nightly) гунаи озмоишӣ мебошад ва метавонад ҳар шабонарӯз бо тарҷумаҳои тоҷикии нав ё беҳтаршуда навсозӣ карда шавад. Инчунин браузери озмоиши «Шабонарӯз» (Nightly) метавонад ноустувор кор кунад.**

Пеш аз нашр кардани гунаҳои расмии чунин барномаҳо, шумо метавонед онҳоро ройгон ба даст оварда, озмоед ва фикру андешаҳои худро ба аъзои маҳфили «Посдорон ва дӯстдорони забон»-и Кумита ё ин ки дар портали тарҷумонон (https://pontoon.mozilla.org/tg/firefox/ [6]) пешниҳод намоед. Пас аз ҷило кардани тарҷумаҳои тоҷикӣ барномаи браузери интренетӣ дар гунаи расмии «Рӯбоҳи ҷилодор» (Firefox) бо забони тоҷикӣ барои истифода дастрас мешавад.

Барномаҳои компютерӣ аз забонҳо ва аломатҳо иборат буда, дар забонҳои барномасозии гуногун навишта шудаанд. Ҳамаи он чизе, ки мо дар монитори компютерӣ ё экрани мобилӣ мебинем, комилан аз матн иборатанд.

Бе забон ва матн мавҷудияти компютер ё дастгоҳи мобилӣ имконнопазир буда, истифодабарии он низ ғайриимкон аст.

Бе забон ва матн ҳаёти мо, зиндагии ҳозира ва ояндаи мо холӣ ва бемазмун аст.

Дар сатҳи баланд донистани забони давлатӣ, вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як соҳибватан маҳсуб ёфта месазад, баҳри рушд ва ҳифзи он саҳм дошта бошем.

Ба ҳамин мақсад, забони тоҷикӣ на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки берун аз кишварамон дар кишварҳои хориҷи дуру наздик, дар асоси Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва меъёрҳои адабии он низ бояд истифода шавад ва стандартҳои миллии тоҷикӣ ҳангоми истеҳсоли технологияҳои навин ва молу маҳсулоте, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд ё ин ки дар кишварамон истеъмол ва истифода мешаванд, новобаста аз кишвари истеҳолкунанда бояд татбиқ карда шаванд.

Риояи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва татбиқи меъёрҳои он метавонад мушкилоти зиёди забонро ҳал намояд.

Вале бе истифодаи технологияҳо ва барномаҳои компютерӣ ва мобилӣ иҷро кардани ин масъала номумкин, бенатиҷа ва хеле душвор мебошад.

Имрӯз компютер ва дастгоҳи мобилӣ як қисми ҷудонашавандаи ҳаёт ва кору амалиёти ҳаррӯзаи мо буда, таҳияи барномаҳои он барои забони давлатӣ ва барномаҳои махсуси компютерӣ ва мобилӣ барои санҷиши имлои забони тоҷикӣ дар замони имрӯза барои осонтар намудани кор хеле заруранд.

Барои осонсозии риояи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ технологияҳо ва барномаҳои компютерӣ бояд ба стандартҳои миллӣ ва талаботи забони тоҷикӣ ҷавобгӯ бошанд. Ҳатто истифодаи аломатҳои китобатӣ мувофиқи стандартҳои миллии тоҷикӣ корбаст шаванд. Ҳар як аломат ё ҳарфе, ки мо дар матнҳои тоҷикӣ ба воситаи компютер ё дастгоҳи мобилӣ чоп мекунем, маънои худро дорад.

Барои ҳал кардани масъалаҳои техникии компютерӣ Кумитаи забои ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки бо мақсади рушду густариши минбаъдаи забони давлатӣ як барномаи мукаммалу навтарини санҷиши имлои забони тоҷикӣ ва браузери интернети навтарин бо забони тоҷикӣ барои дастгоҳҳои компютерӣ ва мобилӣ

таҳия намуда, ба манзури корбарони соҳибзабон гардонад. Чунин икдом, аллакай, дар Кумитаи забои ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодааст.

Бо браузери чандзабона ва тарҷумашуда ба забони тоҷикӣ ҳар гуна кор дар Интернет самараноктар ва осонтар аст, зеро ки корбарон метавонанд аз забони модарии худ истифода баранд, вазифаҳои барномаро бо забони тоҷикӣ хонанд ва кори худро ҳангоми кор бо браузер айнан иҷро намоянд.

Мувофиқи омори Ташкилоти ҷамъиятии «Mozilla» имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 150 (як саду панҷоҳ) ҳазор корбари барномаи браузери интернетии «Рӯбоҳи ҷилодор» (Firefox) ба қайд гирифта шудаанд ва ба ин шумора ҳамарӯза зиёда аз 500 нафар корбари нав илова мешавад.

Вале, новобаста аз ин, 86% (дарсад) корбари браузери интернетии «Рӯбоҳи ҷилодор» (Firefox) аз забони русӣ, 12% (дарсад) аз забони англисӣ ва 2% (дарсад) аз забонҳои дигар барои корбарӣ аз интерфейси барномаи браузери интернетии «Рӯбоҳи ҷилодор» (Firefox) истифода мебаранд.

Умедворем, ки омори истифодабарии он барномаҳое, ки мо ҳар рӯз истифода мебарем ба шумораи корбарони Барнома бо забони тоҷикӣ зиёдтар шавад.
Барномаи браузери интернетии «Рӯбоҳи ҷилодор» (Firefox)-ро бо забони тоҷикӣ биозмоед.
Ҷило аз ин ҷо оғоз меёбад!

**Content rating:** 5

Average: 5 (26 votes)

Rate

## Category:

- Барномаҳо [7]
- Ахбори рӯз [8]
- Забони тоҷикӣ [9]
- Ихтиёриён [10]
- Маҳфилҳо [11]
- Эълонҳо [12]

-

- 

- 

- 

-

- 

- 

- 

- 

-

-

- 

- 

- 

-

**Source URL:**http://kumitaizabon.tj/en/node/6863

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/2.PNG [2] http://archive.mozilla.org/pub/firefox/nightly/latest-mozilla-central-l10n/Firefox%20Installer.tg.exe [3] http://archive.mozilla.org/pub/firefox/nightly/latest-mozilla-central-l10n/firefox-105.0a1.tg.linux-i686.tar.bz2 [4] http://archive.mozilla.org/pub/firefox/nightly/latest-mozilla-central-l10n/firefox-105.0a1.tg.mac.pkg [5] http://archive.mozilla.org/pub/firefox/nightly/latest-mozilla-central-l10n/ [6] https://pontoon.mozilla.org/tg/firefox/ [7] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/21 [8] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [9] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/38 [10] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/56 [11] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/31 [12] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/25 [13] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/firefox-logo-developer-edition.png [14] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/1.PNG [15] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/2.PNG [16] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/3.PNG [17] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/4.PNG [18] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/5.PNG [19] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/6.PNG [20] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/7.PNG [21] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/8.PNG [22] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/9.PNG [23] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/10.PNG [24] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/11.PNG [25] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/12.PNG [26] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/13.PNG [27] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/14.PNG [28] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/15.PNG [29] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/16.PNG [30] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/17.PNG [31] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/18.PNG [32] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/19.PNG [33] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20.PNG [34] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/21.PNG [35] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/22.PNG [36] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/23.PNG [37] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/CSS.PNG [38] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/main.PNG